# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «30» 05 соли 2025 № 189/ди ш. Душанбе**

*Дар бораи додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархатҳои 4 ва 10 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 4, 5, 6 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 4 (чор) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикргардида, дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии номзади илм дода шавад.
2. Мудири шуъбаи коргузорӣ ва назорат (Шарифзода Б.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории 4 (чор) адад дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии номзади илм чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулзода А.Б.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2025, № 6

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» 05 соли 2025, №189/дп

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии номзади илм сазовор дониста шудаанд
ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии
номзади илм дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илм | Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илм ба Комиссия дархостнома пешниҳод намудааст; дараҷаи илмӣ |
|---|---|---|
| 1. | Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич | 6D.KOA-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; номзади илмҳои техникӣ |
| 2. | Искандари Ҷумъахон | 6D.KOA-011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; номзади илмҳои физикаю математика |
| 3. | Ҷамолиддинзода Фахриддин Ҷамолиддин | 6D.KOA-010 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; номзади илмҳои химия |
| 4. | Эмомов Бахром Файзуллоевич | 6D.KOA-042 назди Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ; номзади илмҳои техникӣ |